**ХУЛОСАИ**

**шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба кори диссертатсионии Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна таҳти унвони "Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия)**

**Парвандаи аттестатсионии № ______**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 21 октябри соли 2021 № 2**

Диссертатсия дар мавзӯи "Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) дар кафедраи методикаи таълими химияи "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ"иҷро карда шуда, ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Матни диссертатсия ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурии парвандаи аттестатсионӣ дар сайти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ www.tgpu.tj 09.07.2021 ҷой дода шудааст. Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо протоколи № 9 аз 09.07.2021 диссертатсия ба ҳимоя иҷозат дода шуда, рӯзи ҳимоя 21.10.2021 муайян карда шудааст.

Унвоҷӯ Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми феврали соли 1977 дар ҷамоати деҳоти Гулистони шаҳри Ваҳдат таваллуд шудааст.

Соли 1994 баъди хатми мактаби таҳсилоти миёна ба факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷураев, ба ихтисоси химия - биология дохил шуда, бо гирифтани дипломи муаллими химия ва биология онро соли 1999 хатм намуд.

Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна аз соли 2000 инҷониб дар кафедраи методикаи таълими химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолияти меҳнатӣ дорад. Ӯ омӯзгори лаёқатманду қобилиятнок, эҷодкору навовар буда, ҳар як дарси худро бо истифода аз шохаҳои усули фаъоли таълим, бо аёниятҳову воситаҳои техникӣ мегузаронад. Ҳар як дарси муаллима Файзуллоева Мукаррама аз навгониҳо бой буда, хеле шавқовару пурмазмун гузаронида мешаванд. Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар байни шогирдону омӯзгорон соҳиби обрую эътибори хоса дошта, мунтазам ба омӯзгорони ҷавон маслиҳатҳои методӣ медиҳад.

Рисолаи номзадии Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна таҳти унвони «Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» ҳангоми таҳсил ҳамчун унвонҷӯи дар кафедраи методикаи таълими химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба иҷро расонида шудааст.

**Роҳбари илмӣ: -** доктори илмҳои биологӣ ва фарматсевтӣ, профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Бобизода Ғуломқодир Мукаммал.

**Муқарризони расмӣ:** Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”

**Ҳакимхоҷаев Сироҷиддин**, номзадии илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва амалии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – кафедраи усули таълими химияи Донишгоҳи милии Тоҷикистон.

Дар тақризи пешниҳодшудаи муассисаи тақриздиҳанда қайд карда мешавад, ки аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ифода меёбад. Озмоиш дар литсей-интернати президентӣ барои бачаҳои болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 63, № 44, № 55, № 79 гузаронида шуд. Дар озмоиш 143 нафар хонандаи синфи 11, 130 нафар хонандаи синфи 10, 126 нафар хонандаи синфи 9, 101 нафар хонандаи синфи 8 иштирок намуданд. Дар литсей-интернати президентӣ барои бачаҳои болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 55. 44, 63, 79, ш. Душанбе, хонандагони синфҳои 11 дар гурӯҳои паралелӣ таҳсилкунанда (ҳамагӣ 143 нафар) ба озмоиш фаро гирифта шуданд.

Саҳми шахсии довталаб дар омӯзиш, таҳлил ва баррасии адабиёти марбути мавзӯи таҳқиқотӣ, коркарду раҳёфт ба ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар дарсҳои химия, дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот, коркард ва таҳлили маводи бадастомада ифода меёбад.

Баробари муваффақиятҳо дар рисола нуқсонҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

2. Агар унвонҷӯ зимни гузаронидани таҳқиқот муассисаҳои таълимии миёнаи умумии ноҳияҳои гирду атрофро низ ба инобат мегирифт хубтар мешуд.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот,шакли диаграмма пешниҳод мешуд, беҳтар буд.

4. Хулосаҳоро аз банди 3-юм оғоз кунанд, хубтар аст.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ, тавсиявӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии кори илмии иҷрошуда, таъсири манфӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия ба талаботи бандҳои 10-12, 14 ва 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» (дотсент, профессор) -и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, кори илмии Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» мувофиқ буда, муаллифи он Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия) мебошад.

Холназаров Санг ҳамчун муқаррizi расмӣ дар тақризи пешниҳод намуда зикр мекунад, ки автореферати диссертатсия пурра моҳият ва муҳтавои диссертатсияро ифода намуда, бобу фаслҳои он тибқи муқарароти расмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, мураттаб гардидааст. Дар диссертатсия баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати рисолаи диссертатсионии мазкур хоҳад шуд:

1. Унвонҷӯ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир намудааст дар муқаддима (Сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзӯъи таҳқиқот) номгуи олимони ватаниро овардааст аммо дар рӯйхати адабиѐти истифодашуда ягон интишорот, асарҳои олимони ватани, ки дар самти методикаи таълим корҳои намоѐн анҷом додаанд нишон дода нашудааст.

2. Таҳқиқоти муаллиф танҳо муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии шаҳри Душанберо фаро мегирад, агар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии дигар шаҳру ноҳияҳо гузаронида мешуд, ин боз арзиши назариявию амалии рисоларо қавитар мегардонид.

3. Унвонҷӯ таҳлилҳои хеле хубе дар самти технологияи муосири тадриси фанни химия оид ба муносибати босалоҳият ба таълим кардааст. Хуб мешуд ҷадвалҳои 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24 ва ғайри, ки таҳлилҳои муассисаҳо оварда шудааст, аз технологияи нав истифода мебурд натиҷаҳоро ба воситаи диаграммаҳо инъикос мекард. Ҳол он ки асри 21 асри илму техника ба ҳисоб меравад.

4. Дар диссертатсия нуқсонҳои услубию имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Ҳамин тариқ, мувофиқати диссертатсия ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии

аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, кори илмии Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» мувофиқ буда, муаллифи он Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия) мебошад.

Ҳакимхоҷаев Сироҷиддин ҳамчун муқарризи расмӣ дар тақризи пешниҳодшуда қайд мекунад, ки аз тарафи рисоланавис вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ 14 адад мақолаҳои илмӣ, ки аз он 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаҳои илмӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расонида шудааст. Ҳангоми баррасии диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои назаррас баъзе аз нуктаҳои баҳсталаб назаррасанд, ки таъкид ва ислоҳи он боис ба баланд шудани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти оянда мегардад:

1. Дар диссертатсия ва автореферати он аз тарафи диссертант баъзан ба хатогиҳои услубӣ ва имловӣ роҳ дода шудааст;

2. Дар боби аввали зербоби сеюм иқтибосҳо кам ба назар мерасанд.

3. Хуб мешуд, ки диссертант раванди корҳои амалии донишҷӯёнро муфассал баррасӣ менамуд.

Он эродҳое, ки оварда шудаанд, ҷузъӣ буда, ба арзиши диссертатсия таъсире надорад. Мавриди таъкид аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии рисоланавис арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия, аҳамияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Диссертатсияи Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва ва методикаи таълим ва тарбия (химия) мебошад.

Ба автореферати диссертатсия чор тақризҳо ворид шуда, дар онҳо қайд қарда мешавад, ки кори иҷрошуда таҳқиқоти ба анҷом расида буда, ба ҳамаи талаботҳо оид ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд. Ба автореферат тақризҳои зерин ворид шудаанд:

1. Файзализода Баҳрулло номзади илмҳои педагогӣ дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" чунин овардааст. Маҷмӯи салоҳиятҳои хонанда дар соҳаи фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ, ки унсурҳои фаъолияти мантиқӣ, методологӣ ва умумиилмиро фаро мегирад. Ба ин ҷо усулҳои ташкили кор, мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, таҳлил, арзёбӣ, худбаҳодиҳӣ шомиланд. Диссертатсияи Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия) мебошад.

2. Идрисов Тавакал – номзади илмҳои химия, профессори кафедраи химияи умумии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки мувофиқи тақозои замон ва консепсияи мактаби миллӣ дарсҳои химия бояд тавре ташкил карда шавад, ки ба стандарти давлатӣ ҷавобгӯ бошад. Вобаста ба ин усулҳои нави замонавии омӯзишро ба роҳ мондааст. Натиҷаи корҳои озмоишии гузаронидаи диссертант ҳам аз ҷиҳати микдорӣ ва ҳам аз ҷиҳати сифатӣ мувофиқати назариявӣ ва самаранокии методии коркарди методикаи истифодабарии технологияҳои муосирро дар шароити муносибати босалоҳият, ки фаъолшавии тафаккури хонандагонро таъмин месозад, исбот менамояд.

Мо чунин мешуморем, ки диссертатсия кори илмию тахассусӣ буда, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад ва муаллифи он Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02. – назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) мебошанд.

3. Тураев Ёрмаҳмад - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи "Психологияи умумӣ ва педагогии " факултети психология ва таҳсилоти фарогир-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ (дар умум баҳои мусбӣ дода шудааст).

4. Мирзоев Салим - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи химия ва биологияи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи авлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ". Рисоланавис Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна таъкид мекунад, ки омӯзгорон барои ташаккул додани қобилиятҳои эҷодии хонандагон бояд методҳо, воситаҳо ва таснифи масъалаҳои химиявиро истифода баранд. Боиси зикр аст, ки автореферати диссертатсияи муаллиф Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар асоси стандартҳо ва

талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф карда шудааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна ба иҷро расонидааст, аз нигоҳҳои назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мегардад. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи барои ҳимояи расмӣ пешниҳодшуда аҳамияти бениҳоят калони илмӣ - методӣ ва амалӣ дошта, барои истифодабари салоҳиятнокӣ дар таълими фанни химия саривақтист.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ- методӣ ва амалӣ ба автореферати диссертатсия мазкур баъзе эъродҳои алоҳидаро қайд намудан ба маврид аст:

1. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

2. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир намудааст дар муқаддима (Сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзӯъи таҳқиқот) номгуи олимони ватаниро овардааст аммо дар рӯйхати адабиёти истифодашуда ягон интишорот, асарҳои олимони ватани, ки дар самти методикаи таълим корҳои намоён анҷом додаанд нишон дода нашудааст.

3.Таҳқиқоти танҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанберо фаро мегирад, агар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дигар шаҳру ноҳияҳо гузаронида мешуд, ин боз арзиши назариявию амалии рисоларо қавитар мегардонид.

4.Унвонҷӯ таҳлилҳои хеле хубе дар самти технологияи муосири тадриси фанни химия оид ба муносибати босалоҳият ба таълим кардааст. Хуб мешуд ҷадвалҳои 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24 ва ғайри, ки таҳлилҳои муассисаҳо оварда шудааст, аз технологияи нав истифода мебурд натиҷаҳоро ба воситаи диаграммаҳо инъикос мекард. Ҳол он ки асри 21 асри илму техника ба ҳисоб меравад.

Эъродҳои овардашуда дараҷаи дастовардҳои умумии мусбии кори диссертатсионии мазкурро, ки аҳамияти калони илмӣ-методӣ ва амалӣ доранд, паст наменамоянд. Аз рӯи мавзӯи диссертатсия 13 кори илмӣ иҷро намуда, аз он 5 мақола дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олӣ аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда ба табъ расидаанд.

**Номгӯи муҳимтарин мақолаҳо, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамояд:**

[1-М]. Файзуллоева М., Бобизода Г. Компетентностный подход в процессе обучения учащихся на уроках химии // // Вестник института развития образования. 2019, №4 . С. 143-148.

[2-М]. Бобизода Г., Файзуллоева М. Методы обучения химии в общеобразовательных учреждениях в зависимости от компетентностного подхода// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2020, №1(34). С. 25-31.

[3-М]. Файзуллоева М. Бобизода Г. Формирование ключевых компетенций учащихся на уроках химии // Вестник Государственного педагогического университета им. С.Айни. 2020, №1. С. 59-64

[4-М]. Файзуллоева М., Бобизода Г. Лабораторная работа как форма обучения химии в условиях компетенностного подхода // Вестник Таджикского национального университета. №8. 2021. С. 227-231

[5-М]. Файзуллоева М. Бобизода Г. Результаты реализации компетентностного подхода при обучении химии // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ № 1(10-11) 2021. С. 378-388.

[6-М]. Файзуллоева М.М. Интегративний подход к обечению химии с применением физичкских знаний учащихся при компитентностного подхода к обучению// Маводи конфиренсияи илмӣ-методии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табии-риёзӣ ва технологияи информатсионӣ». Душанбе 2019. С. 161-163.

[7-М]. Файзуллоева М.М. Истифодаи табдилоти химиявӣ ҳангоми омӯзиши синфҳои асосии пайвастагиҳои ғайриорганикӣ зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим// Маводи конфиренсияи илмӣ-методи Конфиренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табии-риёзӣ ва технологияи информатсионӣ» Душанбе 2019. С. 171-173.

[8-М]. Файзуллоева М.М. Стандарти давлати ва Стратегияи рушди таҳсилоти ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи конфиренсияи илмӣ-амалии Ҷумчхуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои татбиқи муносибати босалохият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ ва технологяи информатсионӣ». Душанбе 2019. С. 7-11.

[9-М]. Файзуллоева М.М. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Сулфур. Пайвастагиҳои он дар табиат. Хосиятҳои физикӣ ва химиявии он» дар синфи 9. / Таҳқиқи таълими тафриқа. Душанбе 2019. С. 140-142.

[10-М]. Файзуллоева М.М. Истифодаи корҳои мустақилона ҳангоми омӯзиши «Спиртҳо» дар синфи 10 тибқи муносибати босалоҳият ба таълим // Маводи конфиренсияи илмӣ –амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши ҳунарҳои мардумӣ ва рушду пойдории фарҳанги миллӣ» Душанбе. 2019. С. 284-286.

[11-М]. Файзуллоева М.М. Масъалаҳои методии муносибати босалоҳият дар омӯзиши мавзӯи «Методикаи омӯзиши пайвастагиҳои нитрогендор» дар курси химияи органикии мактабӣ // Конфиренсияи илмӣ-методии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ» Душанбе 2019. С. 107-111.

[12-М]. Файзуллоева М.М. Татбиқи таълими салоҳиятнок дар омӯзиши мавзӯи «Рибоза ва дезоксирибоза» // Конфиренсияи илмӣ-методии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ

дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ» Душанбе 2019. С. 111-114.

[13-М]. Файзуллоева М.М. Муносибати босалоҳият ба таълим ҳангоми омузиши мавзӯи «Глюкоза ва фруктоза» дар курси химияи мактабӣ/ Конфиренсияи илмӣ-методии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Муносибати босалоҳият дар таълими фанни химия.Душанбе 2020. С.123-127.

**Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти диссертант қайд менамояд, ки:**

1. Мазмун ва мафҳумҳои ташаккули салоҳият, босалоҳиятӣ дар раванди таълими фанҳои табиӣ возеҳ бошанд; муқаррар карда шудааст;

2. Имконияти истифодаи салоҳиятҳои калидии хонандагон дар машғулиятҳои химия бо воситаҳои ҳалли масъалаҳои химиявӣ ошкор шуда бошанд; муайян карда шуданд

3. Дар дақиқгардонии мазмуни мафҳуми «салоҳияти таҳқиқотӣ» коркарди амсилаи ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ифода меёбад, асоснок карда шудааст.

4. Самарабахшии методикаи таҳиягардида оид ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон бо воситаҳои ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо роҳи таҷрибавию озмоишӣ тафтиш шуда бошанд; муайян карда шуданд;

5. Натиҷаҳои судманди тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи дастур барои хонандагон лар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ шуда бошанд, муқаррар карда шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар дақиқгардонии мазмуни мафҳуми «салоҳияти таҳқиқотӣ», коркарди амсилаи ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синни миёнаи мактабӣ дар дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ифода меёбад.

Арзиши амалии натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ифода меёбад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия - заминаи назариявӣ-методологии таҳқиқот, ки дар он методҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ (амалӣ) дар якҷоягӣ баромад намуда ба объект, предмет, мақсадҳо ва вазифаҳои тадқиқот, шароитҳои санҷиши амсилаи коркардшуда, талаботи гузаронидани кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада мувофиқат мекунанд.

Саҳми бевоситаи муҳаққиқ саҳми шахсии довталаб дар омӯзиш, таҳлил ва баррасии адабиёти марбути мавзӯи таҳқиқотӣ, коркарду раҳёфт ба ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот, коркард ва таҳлили маводи бадастомада ифода меёбад.

Дар ҷаласа 21 октябри соли 2021 шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаолият дошта, дар бораи ба Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна додани дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм мутахассисони аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар, номзадони илм 3 нафар аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия).

**Овоз доданд: тарафдор - 11 нафар, муқобил - 1, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.**

**Раиси шӯрои диссертатсионии6D.КОА -044**
**дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**доктори илмҳои химия, профессор** **Бандаев С.Г.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА -044 дар назди Донишгоҳи**
**Давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи**
**С. Айнӣ, номзади илмҳои химия, дотсент** **Гулов Т.Ё.**